**ТАҚРИЗИ**
**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Пажуҳиши масъалаҳои мубрами адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои қарни XX дар даврони истиқлоли миллии Тоҷикистон дар партави дидгоҳҳои навини ҷаҳоншинохтӣ аз равандҳои ба назар намоёни адабиётшиносии муосир маҳсуб мешавад. Асарҳои илмии Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Субҳон Амирқулов, Саҳобиддин Сиддиқов, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдухолиқи Набавӣ, Маъруфи Раҷабӣ, Худойназар Асозода, Абдулҳай Маҳмадаминов, Матлубаи Мирзоюнус,Ҷумъабой Ҳамроев, Сироҷиддин Хӯҷақулов падидаи боризи бознигарӣ ба таърихи адабиёти даврони мазкур аст, ки самтҳои наверо дар баррасии афкори адабӣ тахсис дод. Бо футур рафтани сохторҳои дурушти мафкуравӣ издиҳоми осор ва ақоиди соҳибназарони анқариб сад соли пеш бо шӯру валвала ба муомилоти илмӣ ворид шуданд ва силсилаи муаммову масоилеро бо худ оварданд, ки маърифати ҳақиқату асолати онҳо ҷустуҷӯҳои доманадор ва пурзаҳматро тақозо дорад. Муҳаққиқи ин муамморо лозим аст, ки аз вежагиҳои сувариву маънавии адабиёти классикӣ, махсусияти таҷаддуди низоми иҷтимоӣ ва фикрии ҷомеа, назокатҳо ва мушкилоти илми матншиносӣ, маводи гуногунзабони рӯзномаву маҷаллот, шебу фарозҳои қолабшиканиҳои ҷаҳоншинохтӣ ва гузар аз дунёшиносии ба истилоҳ идеалистӣ ба ҷаҳоншиносии моддигароӣ таматтуъ бардошта бошад. Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович солҳост, ки бо ихлосу иродат дар ин водии ноҳамвору пурпечутоб роҳ мепӯяд ва раҳоварди муносибе ҳам барои баррасиҳои қавибунёд фароҳам овардааст.

Падид омадани ҷунбишҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, мактабҳои пайравони Бедил ва бозгашти адабӣ бо ҷамъи ангезаҳои дарунӣ ва берунии он, аз сӯйи дигар, нуфузи тазкиранависӣ, шукуфаҳои адабиётшиносӣ ва нигориши таърихи адабиёт густариши меъёрҳои нави шинохт дар накд ва афкори адабиро илтизом намуд.

Бо ин ки роҷеъ ба ҳолу ҳавои адабиёти ин давр, мероси адабии суханварони ҷудогона, ҷараёнҳои адабӣ, ҷойгоҳи тазкираҳо ба унвони сарчашмаи накду сухансанҷӣ, муаррифӣ ва баррасии осори мамнуъ чанд таҳқиқот рӯйи кор омадаанд, вале то кунун масъалаи афкори адабии тоҷикии поёни садаи X1X ва нимаи аввали садаи XX дар маҷмуъ ва бо таваҷҷуҳ ба тамоюлҳои мухталиф ва тазотангези он мавриди пажуҳиши мустақили монографӣ қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович «**Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX»** аз нахустин таҳқиқотест, ки бо ҷомеияти назар ба масъалаи таҳаввули афкори адабӣ дар замони гардишҳои куллии сиёсиву иҷтимоӣ имтиёз мекунад. Дар меҳвари баррасиҳои муаллиф таҳқиқи мубтакиронаи афкори адабии суханварон, сарчашмаҳои нақду сухансанҷӣ, нақди иҷтимоӣ ва бозтоби он дар афкори адабии маорифпарварону ҷадидон, нақдушшеър дар тазкираҳо, нақши матбуоти миллӣ дар густариш ва интишори афкори адабиву бадеӣ, заминаҳои шаклпазирии таърихнигории улуми адабӣ ва такомули мактаби нақкодӣ, мақоми суханварону адибони ибтидои асри XX дар сарватафзоии нақди адабиёти миллӣ, боздид ва бозшинохти шахсият ва осори классикони адабиёти форсии тоҷикӣ дар оинаи навкардҳои илми адабиётшиносӣ ҷойгоҳи асосӣ пайдо кардаанд.

Аъзамов Субҳонҷон аз ҷумлаи мунаққидон ва муҳаққиқони муосири мост, ки бештар аз бист сол дар ин замина ба кори таҳқиқ машғул аст ва дар баробари таълифи теъдоди зиёди мақолаҳои илмӣ чанд китоби арзишманд дар бораи афкори адабии давраи мавриди баҳс ва чеҳраҳои мунири нақди адабии он замон, амсоли Садриддин Айнӣ, Лутфулло Бузургзода, чанд маҷмуаи мақолаҳо роҷеъ ба ин масоил ва бархе аз масъалаҳои адабиёти классикии тоҷик ва муносибати он бо адабиётшиносии рӯзгори мо ба нашр расонидааст, ки ба густардагии доманаи ҷӯишҳову пӯишҳои ӯ ишорат доранд. Ҳамзамон, ширкати мустақими муҳаққиқ дар нашри бархе аз сарчашмаҳои нақди адабӣ, аз ҷумла тазкираҳои он даврони пургиреҳ , фароҳам овардани китоби «Камол дар оинаи пажуҳиш» талошҳои мабсути ӯро дар таҳқиқу омӯзиши муфассали масоили меҳварии баррасишаванда намоён меоваранд.

Диссертатсия ба меъёрҳои таълифи диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, ба шиносномаи ихтисоси «**10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** мутобиқат дорад.

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар заминаи баррасӣ ва пажӯҳиши мавзуи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷикӣ афкори адабии тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва нимаи аввали асри XX аз чанд зовия ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, ҷусторҳо ва ковишҳои унвонҷӯ дар тазкираҳо, маҷмуаи ашъори шоирони ин замон, китобҳои адабиётшиносӣ, рӯзномаҳо, аввалин намунаҳои матбуоти тоҷикӣ, мақолаҳои матбуоти тоҷикии солҳои 20-40-уми асри XX дар ҳамбастагӣ ва иртиботи диалекитикии онҳо манзараи ҷомеи таҳаввул ва шакл гирифтани нақду адабиётшиносии миллиро ба намоиш гузоштааст. Афзун бар ин, маҳфилҳои адабӣ ба масобаи падидаи заминасоз дар такомули нақди адабӣ, меъёрҳои баҳо дар тазкираҳо, вежагиҳои ҷадиди нақду нақкодӣ ва таълифу тадвини аввалин китобҳои таърихи адабиёти навини тоҷик, арзёбии ҷойгоҳи классикони адабиёти тоҷик дар баррасиҳои илмии суханшиносони нимаи аввали асри XX, нақши адибону донишмандони тоҷик Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Туракул Зеҳнӣ ва Раҳим Ҳошим дар таҳаввули адабиётшиносӣ ва нақди адабии ибтидои қарни

бистум низ дар шумори матолибе қарор доранд, ки дар диссертатсия дар сатҳи матлуб таҳқиқ шудаанд.

**Навгониҳои таҳқиқот,** чунон ки муаллиф худ низ таъкид карда, бо он муайян мегардад, ки «бори аввал таҳқиқи заминаҳои аслии шакл гирифтани нақди адабӣ ва назари интиқодии адибони равшангар дар маҷрои умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ сурат гирифта, моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба сарчашмаҳои ин давра равшан шудааст» (дисс., саҳ. 13). Унвонҷӯ маводи фаровонеро ҷамъ оварда ва бештари маводе, ки муаллиф дар ихтиёр доштаву ба тозагӣ ба доираи муомилоти илмӣ ворид кардааст, дар тарҳандозӣ, чеҳракушоӣ ва замонбандии афкори адабии даврони нав хулосаву бардоштҳои ҳолиби илмиро арза медоранд. Дар диссертатсия дар пояи нигоҳи интиқодӣ ба дастурҳои даврабандӣ ва таҳлили муфассали онҳо мухтассоти ду марҳалаи афкори адабӣ ва нақду сухансанҷии давраи навини таърихи тоҷикон – то замони инқилоби октябр ва баъд аз он шарҳу баст ёфтаанд.

Ҷустуҷӯҳои равишманд, андешаву муҳокима, масъалагузорӣ, бардоштҳои олимонаи Аъзамов Субҳонҷон, ки аз омодагии кофии ҳирфаӣ ва навҷӯиву навназарии ӯ паём медиҳанд, дар воқеъ як қадами ҷиддӣ ва муҳкам дар роҳи ба вуҷуд овардани консепсияи мукаммали ташаккул ва таҳаввули афкори адабии тоҷикӣ ба шумор меояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертант дар нақду баррасии маводи мавриди баҳс аз дастовардҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ ва усулҳои пажуҳиши таърихиву муқоисавӣ бо камоли огоҳиву кордонӣ суд ҷустааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо баёни мудаллалу мустанад ва таҳлили амиқу мантиқан саҳеҳи маводи мавриди истифода, мутобиқати он бо коркарди натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, миқдори зиёди мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои нашршуда, дар шакли китоби алоҳида ба чоп расонидани маҷмуи мақолоти адабиётшиносии давраи мазбур ва гузиниши мақбули равишҳои таҳқиқ мушаххас мегардад.

**Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия** самараи ҷусторҳои илмӣ, баррасии муътамади мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, мақулаҳои калидии пешниҳодшаванда ба дифоъ ва дурнамоҳои мавзуи таҳқиқро муқаррар сохтаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он аст**, ки маводи диссертатсия барои идомаву такомули таҳқиқи афкори адабӣ ва нақду сухансанҷӣ дар поёни асри X1X ва ибтидои асри XX, пажуҳиши маъхазҳо ва тазкираҳои адабӣ, инчунин осори адабиву бадеӣ, аз ҷумла сафарномаву рӯзномаҳо, ҷамъбасти ҷусторҳо дар заминаи маҳфилу ҷараёнҳои адабӣ, нақду адабиётшиносӣ, арзиши ақидаҳои наққодӣ ва адабиётшиносии суханварон ва аҳаммияти китобҳои таърихи адабиёти навини тоҷик дар амиқрафти тафаккури интиқодӣ ба адабпажуҳон, унвонҷӯён, донишҷӯён раҳнамоӣ хоҳад кард.

Диссертант дар заминаи таҳқиқи осори адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ ба таълифи 3 монография ва маҷмуаи мақолоти илмӣ илмӣ иборат аст 79 мақола, ки аз онҳо 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд, муваффақ гардида, дар тасҳеҳу нашри маводи маҷаллаи «Раҳбари дониш», асарҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – «Тазкори ашъор» ва «Рӯзнома», инчунин таҳияи се китоби судманд ба сурати мустақил ва дар ҳамкорӣ бо олимони дигар саҳми муносиб гузоштааст.

Ба сурати куллӣ **маводи мунташири диссертант** матолиби меҳварӣ, ҳадаф ва вазифаҳои аслии таҳқиқ, натиҷа ва мазмуни комили диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуи интихобнамудаи ӯ ба шоистагӣ шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Сохтори диссертатсия, ки аз муқаддима, чаҳор боб, 16 фасл, 5 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст, дорои банду басти мустаҳкам, мувофиқ ба мантиқи тадқиқи осори адабӣ ва табиату сиришти мавзуи баҳс мебошад. Унвонҷӯ ба таври умум усули аз масоили куллӣ фаро рафтан ба масъалаҳои ҷузъӣ ва бозгашти ковишҳо аз ҷузъ ба куллро бо барафзудани хулосаҳои мухтасар баргузида, фасл ба фасл пайкараи матлаби марказиро комил месозад ва дар поёни рисола бо такя ба ин равиши дугонаи пажуҳиш ба хулосаҳои ҷомеътари назарӣ даст меёбад.

Зимнан дар муқаддимаи диссертатсия ба одати маъҳуд аҳаммияту мубрамият, ҳадафу вазифаҳо, сарчашмаву равишҳои таҳқиқ мушаххас гардида, нуктаҳои меҳварӣ барои ҳимоя манзур шудаанд. Дар қисмати муқаддима дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ муфассалтар зикр гардида, диссертант таҳқиқоти марбут ба мавзуи баҳсро дар се самт – шинохти хусусиятҳои накду афкори сухансанҷӣ дар заминаи баррасии тазкираҳо, ҷойгоҳи андешаҳои ноқидонаи мусаннифони онҳо ва шинохти вежагиҳои накди адабии ду давраи таҳаввули накд бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқи таърихномаҳои аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, шинохти моҳияти танқид ва ҷойгоҳи он дар матбуоти навпайдои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна ва нашрияҳои нави давраи шуравӣ муқаррар ва ҳар якеро ба сурати алоҳида баррасӣ намудааст.

Диссертант яке аз қазияҳои асосии диссертатсияи худ – моҳият, зуҳурот ва пасомадҳои иҷтимоӣ ва оммавӣ шудани адабиёт ва накди адабиро аз аввал ба миён гузошта, дар саросари рисола аз дидгоҳҳои гуногун ҷилваҳои мухталифи онро чун падидаи бесобиқаи адабӣ арзёбӣ менамояд. Аъзамов Субҳонҷон бар он аст, ки «назарияи таърихи адабиёт ва накди қарни бист бо назардошти вежагии фикрии марҳалаҳои гуногуни афкори иҷтимоии миллати тоҷик дар замони нав бояд мутолиа ва баррасӣ гардад... аммо, ин нукта усулан дар назар бошад, ки матолиби асосӣ дар доираи масъалаҳои меҳварӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодиву зебоишинохтӣ ва ҳунарӣ бояд инъикос ёбанд» (дисс., саҳ. 27-28).

Ин мушоҳидаи нозуки муаллиф бардошти сареҳ аз печидагиву мураккабии масъала аст, ки заҳмати сангини шинохти сараву сақатро бозменамоёнад. Ифрот дар иҷтимоъгароӣ, ки арзиши ҳунарии каломи бадеъро дар пасманзари баррасиҳо мегузорад, дар талошу ҷустуҷӯҳои аҳли адаб паёмадҳои мудхише ( фоҷеаҳои солҳои 1937- 1938 ) ба миён овард. Беш аз ин то имрӯз таъсири манфии он дар накди адабӣ ва адабиётшиносӣ ба чашм мерасад.

Муҳаққиқ бо чашмандози фарохи илмӣ, бо корбандии далелу асноди фаровони адабиву таърихӣ, муҳокимаҳои мантиқӣ ва умқи андеша ҷанбаҳои мусбату боровари иҷтимоӣ шудани адабиёт ва тафаккури бадеиро пайваста ба ҳадафи асосии он – бедории миллӣ, ки бидуни маърифатандӯзии таърихии милливу маънавӣ муяссар нест, ба намоиш мегузорад. Ҳузури ин нигоҳ ва пойгоҳи саҳеҳи илмӣ, ки яке аз дастовардҳои муҳимми унвонҷӯ ва адабиётшиносии мост, дар фаслу зерфаслу бобҳои диссератсия равшану возеҳ эҳсос мешавад. Таваҷҷуҳи Аъзамов Субҳонҷон ба решаҳои маънавиву таърихии иҷтимоъгароӣ дар бобҳои поёнии диссертатсия, ки тавассути ноқидони сухан, адибону донишмандони барҷастаи гузашта бо арзишҳои ҷаҳоншумули маънавӣ ва ҳунарии онҳо ба тору пуди зиндагии иҷтимоӣ ворид шуд, имкон додааст, ки ин пойгоҳи муаллиф аз паҳлуи дигаре мисдоқи худро дарёбад.

Диссертант бо таҳлилу таҷзияи муфассали шеваҳо ва ё дастурҳои таснифи давраҳои адабиёт ва накди адабии тоҷикӣ, ки ба марҳалаи нави таърихии он такя доранд, бо таваҷҷуҳи бештар ба даврабандии С. Айнӣ ва И. С. Брагинский, ҳамчунин мулоҳизаҳои илмии муаллифони китобҳои дарсӣ ва дигар таҳқиқоти марбута аз назари меъёрҳои нави шинохт адабиёти ин давраро ба марҳалаҳои тоинқилобӣ ва баъдиинқилобӣ ҷудо намуда, онро «адабиёти давраи маорифпарвариву ҷадидӣ» ва «марҳалаи аввали адабиёти давраи шуравӣ» номгузорӣ кардааст.

Таҳқиқи сарчашмаҳои накди давраи равшангарӣ дар заминаи бозҷустҳо ва бознигариҳои китобҳои «Намунаи адабиёти Эрон»-и Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ, «Рӯзнома» ва осори дигари Садри Зиё, асарҳои адабиётшиносиву таърихнигорӣ, адабӣ, мақолаҳои илмиву публитсистӣ дар ҷаридаҳои Эрон, Русия, Туркия, Озарбойҷон ва, дар баъзе маврид, номаҳои С. Айнӣ сурат гирифта, андешаву мулоҳизоти диссертант бо шарҳу баёни мустанад истеҳком ёфтаанд.

Зимнан, ковишҳои мунсифона ва далелу санадҳои мароқангези Аъзамов Субҳонҷон вобаста ба таҳсили ҷавонони Бухоро дар Туркия, Русия ва Олмон, мударрисии олимони турку тотор дар мактабҳои усули нав, нуфузи матбуоти туркӣ ва моҳияту натиҷаҳои он, ки дар дарахти тановари равшангарӣ шохаҳои пантуркизмро низ сабз намуд, барои илмҳои ҷомеашиносӣ ва таърихнигорӣ ҳам судманду манфиатбахш маҳсуб мешавад. Далелҳои муаллиф дар ҷодаи кашфу баррасии маводи нав аз бойгониҳои дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла мақолаҳои маҷаллаи «Армуғон», ки дар Берлин ба нашр мерасидааст, бозёфтҳои ҷолибе буда, дар шинохти адабиёти давраи гузар ба уфуқҳои наве ишорат мекунанд.

Масъалаи таҳияву нашри манобеъ ва маохизи илмиву адабӣ аз ҷумлаи мабоҳисе мебошад, ки муҳаққиқ дар боби дувуми диссертатсия **«Вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX»** бар он таваҷҷуҳ гуморида, нақши пажуҳишгарони давраи мазкурро дар нашри девону тазкираҳо ва осори дигари ин аҳд бо танзиму тафсили муносиб ба таҳқиқ гирифтааст. Давраи истиқлоли миллӣ як марҳалаи ҷадид ва бағоят муҳимми

нашри манбаъҳои адабии давраи мавриди таҳқиқ аст, ки ба таъкиди диссертант чопи кунунии мероси адибони маъруф Аҳмади Дониш, Шамсуддини Шоҳин, Нақибхони Туғрал, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулфазли Сират, Абдурраауфи Фитрат, Мирзо Ҳайити Саҳбо, асарҳои Муҳаммадалии Балҷувонӣ «Таърихи нофеъ» (1992), Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – «Наводири зиёия» (1991), «Рӯзнома» (2021), Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (1992), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» (2020), Садриддин Айнӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (2005), «Намунаи адабиёти тоҷик» (2010), Абдулазими Шаръӣ «Тазкират-уш-шуаро» (2014), Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ «Тазкират-уш-шуаро» (2021), Шамсиддини Шоҳин – «Туҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ-ус-саноеъ» (2018), асари таърихӣ-ҷуғрофии Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» (2016), ҳаҷномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (2019) ва чанде дигар барои ташаккули назари нав ба адабиёти давраи мазкур дорои аҳаммияти хосанд (ниг.: дисс. саҳ. 51).

Ҷойгоҳи равшангарон дар нақди адабиёт ва фаъолиятмандии маҳфилҳои адабӣ ҳамчун падидаи муассир дар такомули нақди адабии тоҷикӣ низ дар шумори мабоҳиси қобили таваҷҷуҳи боби дувум аст. Таҳқиқи маҳфилҳои адабии равшангарон чун падидаи таъсиргузори таҳаввули нақд гузорише тоза аст, ки диссертант бо руҷуъ ба маъхазу сарчашмаҳо, хоса тазкираҳо нақши маҳфилҳои Самарқанду Бухороро дар ташаккули тафаккури интиқодии шоирони замон ба миён мегузорад.

Тазкираҳои ин даврон ба унвони сарчашмаи нақду сухансанҷӣ, меъёрҳои арзишгузории шеър, мақоми китоби машҳури «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ дар тадовуми суннатҳои тазкиранигорӣ бо фарогирии мизони нақду сухансанҷӣ ва оғозгоҳҳои он дар диссертатсия ба таври муфассал сурат гирифта, дар ин замина нуктаҳои наву судманди илмӣ ироа шудааст. Ба дарёфти барҳақи муаллиф устод Айнӣ бо китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» нақду сухансанҷии тоҷикии давраи нави таърихиро бунёд ниҳод.

Маъмулан дар давраҳои ҳассоси таърих нақд адабиётро такон мебахшад ва ё баръакс, адабиёт танқиди адабиро ба ҷустуҷӯҳои нав илҳом медиҳад. Дар саргаҳи адабиёти навини тоҷикон устод Айнӣ шахсияти калидие буд, ки ин ду рукни тавоноро дар эҷодиёти худ ба ҳам овард ва иҷтимоъгароии замонро дар хидмати адабиёту нақди адабӣ ва ҳадафҳои бузурги милливу таърихӣ қудрати парвозҳои баланд ато фармуд.

Аъзамов Субҳонҷон дар боби севуми диссертатсия **«Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали асри ХХ»** ба ҳукми намуна чаҳор тан аз суханварони бузуги адабиёти классикӣ – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандиро баргузидааст, ки дар адабиётшиносии нимаи аввали асри ХХ соҳиби мақоми хос буданд.

Таъкиди диссертант дар мавриди дар саргаҳи рӯдакишиносӣ ҷой доштани «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ ва корномаҳои дигари бунёдгузори адабиёти давраи нав, ҳамзамон рӯйи кор омадани чанд таҳқиқи судманд дар

шинохти андешаву афкор ва фароҳамоварии осори ин давра аҳаммияти хоси давраи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Таъсири дидгоҳҳои замон ба накду назарҳои устод Айнӣ дар хусуси мақом ва ҷойгоҳи устод Рӯдакӣ бо пайванд ёфтан ба меъёрҳои шинохти адабиёти замон таҳқиқу таҳлил шуда, ба сифати омили аслии шаклпазирии тафаккури сиёсиву иҷтимоии давр тафсир ёфтааст.

Бино ба таҳқиқу баррасии муаллифи диссертатсия дидгоҳҳои нахустин дар бораи Фирдавсӣ дар ин давра бо ёдкардҳо дар саҳифаҳои маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ва дигар намунаҳои матбуот оғоз меёбад. Баргузории ҷашни ҳазораи Фирдавсӣ дар соли 1934 дар Тоҷикистон ва Эрон ба раванди шинохти шоир ва ҳамосаи безаволи ӯ роҳи тозаеро боз намуд. Дар ин ҷода ҳам ковишҳои муаллиф ба мақоми пешоҳангии устод Айнӣ дар фирдавсишиносии замон таъкид меварзад, ки самараи он мақола ва баъдан китоби «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ мебошад. Хадамоти муҳими устод Лоҳутӣ ва заминаҳои сиёсии таваҷҷуҳ ба шинохти ин ҳамосаи бузург низ яке аз муҳимтарин мабоҳиси илмии ин бахши таҳқиқот аст, ки бо истидлол ва назари тоза имтиёз дорад.

Шинохти Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ дар баррасиҳои адабиётшиносӣ низ дар доираи мубоҳисаҳои назарраси ин қисмати диссертатсия ба шумор меояд. Самти пажуҳишҳои унвонҷӯ бо назардошти таҳқиқоти ховаршиносони рус ва корномаҳои илмии устод Айнӣ, Сотим Улуғзода ва Лутфулло Бузургзода ҷараён гирифта, китобу мақолаҳои ӯ аз вусъати ҷустуҷӯҳояш паём мерасонанд. Нашри китоби «Камол дар оинаи пажӯҳиш», ки фарогири силсилаи мақолоти марбут ба адабиётшиносии солҳои 20-30-и асри XX мебошад, дар маҷмуъ пажуҳиши ҷамеъи масоили мазкурро дар худ гунҷоиш додаанд.

Бино ба таҳлилҳо ва ҷустуҷӯҳои амиқрави диссертант бо вуҷуди тағаллуби арзишгузории иҷтимоӣ ва пайгирии ҳадафҳои сиёсӣ устод Айнӣ ва пайравони мактаби нақкодиву адабиётшиносии ӯ ҷавҳари ҳунарӣ ва маънавии осори суханварони мазкурро берун оварда, дар тарбияи завқи салими насли замони нав ба кор гирифтанд. Ин пажӯҳишҳои доманадор, чунон ки дар **боби чаҳоруми рисола** бо таҳқиқи мақолаву рисолаҳои чун С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Л. Бузургзода, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим ва дигарон мушаххас шудааст. Ташаккули принсипҳои асосии накди каломи бадеъро бар пояи меъёрҳои сухансанҷии классикӣ, адабиётшиносии русу Аврупо ва ниёзҳои мафкуравии низоми нави иҷтимоӣ роҳро ҳамвор намудаанд. Унвонҷӯ бо далелҳои муътамад ва муҳокимаҳои қавии илмӣ консепсияи шаклгирии адабиётшиносии тоҷикро, ки бо ҳифзи ҳувияти ҳирфаиву миллии хеш, беҳин дастовардҳои дигар милали пешрафтаро ҳам дар худ фурӯ рехта буд, аз паҳлӯҳои гуногун омӯхтаву санҷидаву таҳқиқ намуда, тарҳандозӣ кардааст, ки як холигоҳи таърихшиносии накди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷикро бо диду сухани арзишманд пурра месозад.

Дар бахши **хулосаи** диссертатсия, ки аз 14 банди назарӣ ва 10 банд тавсияҳои амалӣ фароҳам омадааст, муҳимтарин натиҷаҳои илмии таҳқиқу

ҷустуҷӯҳои мудаввом ва босамари муаллиф шарҳу баст ёфтаанд. Вусъати фарогирии мавзуи таҳқиқ, мулоҳизаҳои пухтаву андешидаи муаллиф ва файсалаи масъалаҳои печидаи баҳсбарангез дар диссертатсия бозгӯи ин матлаб аст, ки Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович бо таълифи ин рисолаи арзишманд дар шинохти афкори адабии тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва аввали қарни XX ва марҳалаҳои таҳаввули он ба ироаи нукоти тозаи консептуалӣ муваффақ шуда, як таҳқиқоти судманд ва дорои арзишҳои баланди илмиро дар хидмати аҳли илму адаб гузоштааст.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе кӯтоҳиву иштибоҳот роҳ ёфтааст, ки таҷдиди назар ба онҳо ба манфиати кори диссертант мебошад:

1. Диссертатсия ба забони пухтаи илмӣ иншо шуда, ҷо-ҷо матолиби илмӣ бо шеваи баёни ҳиссиву публитсистӣ ва «оташсуханӣ» адо шудааст, ки ағлаб малеҳу хушоянд сурат бастаанд. Аммо ноҷӯриҳои ҷумлабандӣ (с. 6, 15, 35), номутаносибии саҳвию наҳвии аъзои ҷумла (с. 35, 144, 122), ғалатҳои имлоӣ (с. 7, 18, 42) ва ғайра ба чашм мерасанд, ки ислоҳашон воҷиб аст.

2. Қисмати хулосаи диссертатсия дар сатҳи баланди илмиву назарӣ таълиф шуда, бо ҷомеъияти масъалагузориҳо имтиёз дорад. Аммо, хулосаи бобу фаслҳо дар қиёс ба зарфияти матолиби онҳо хостори такмилаҳои бештаре мебошанд.

3. Масъалагузорӣ барои ҷустуҷӯҳои оянда аз ҷумлаи фазилатҳои ҳар рисола аст, ки диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон низ аз ин қатор истисно нест. Лекин гоҳ-гоҳ масъалагузориҳо бе он ки моҳияти илмии онҳо ба қайд оварда шавад, матраҳ шудаанд.

4. Муносибати дуҳӯраи Айнӣ ба ҷадидон ва ҳаракати ҷадидия аз «Ҷаллодони Бухоро» то «Ғуломон» ҳарчанд дар назар дошта мешавад, дар доираи мавзуи диссертатсия ниёзманди шарҳу тавзеҳ мебошад.

5. Муҳаққиқ, ба назарам, бори нахуст аз аҳаммияти китоби Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ «Намунаи адабиёти Эрон» сухан дар миён овардааст. Бо он ки аз муҳаққиқони дигари адабиёти давраи мазкур гиламанд аст, ки аз ин китоб, шояд ба иллати бехабарӣ, ёд накардаанд, худ низ аз муаррифии муфассалтари китоби Иброҳимӣ худдорӣ варзидааст.

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти онро дар илми адабиётшиносӣ коҳиш намедиҳанд ва дар мавриди истиқбол ислоҳ ё такмили онҳо кори душворе нахоҳад буд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович ба баррасии мавзуи муҳимми адабиётшиносии тоҷик ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажуҳиш ҷойгирифта дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, монография, маҷмуаи мақолаҳо, ҳамзамон мақолаҳои дигар, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва берун аз он ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «**Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ, академики
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
аъзои Комиссияи марказии интихобот ва
раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикиситон Салимӣ Носирҷон Юсуфзода
«22» 05 соли 2024

**Суроға**: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ҳувайдуллоев, бинои 254, ҳуҷраи 67.
**Тел.:** (+992) 98-797-55-55
**E-mail**: normuhammadov81@mail.ru

Имзои Салимӣ Носирҷон Юсуфзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи
Комиссияи марказии интихобот ва
раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нормухаммедов А.

**Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
**Тел**.: (+992 37) 227-95-47
**E-mail**: normuhammadov81@mail.ru

«22» 05 соли 2024